***Давлятбоева Сарвиноз*** - *ходими калони илмии шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии ПРМ АТТ*

# САЛОҲИЯТИ ҲУҚУҚӢ ВА МОҲИЯТИ МАЪРИФАТИИ ЗАН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР.

*Модарону бонувон ғубори ғам набинед,*
*Ба чашмон ашки шабнамро набинед,*
*Ниҳоли умратон гардад зиёда,*
*Қади шамшоди худро хам набинед!*

Аз таърихи гузаштагони мардуми мо ҳолатҳое пайдо намудан мумкин аст, ки мутобиқи мақоми зан дар ҷомеа хеле паст буда, ҳуқуқҳои зан мунтазам поймол мегардиданд, занҳо пойбанди хурофот ва урфу одатҳои иртиҷоӣ буданд. Пас аз ташкил шудани ҳокимияти Шуравӣ ба зан ва мавқеи он дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Ҳуқуқи зан расман эътироф ва дар конститутсияҳои Иттиҳоди Шуравӣ расман мустаҳкам карда шуд. Тибқи конститутсияҳои мазкур ҳуқуқи зан бо ҳуқуқи мард баробар эълон шуд. Салоҳияти ҳуқуқи ва моҳияти маърифатии зан дар ҷомеа мавқеъ пайдо намуд.

Сиришти зан қонуни пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи накукорӣ, намоёнгари покӣ, намунаи вофодорӣ ва садоқат мебошад. Зан шуҷотарин офарандаи руйи замин буда, бо меҳри покаш ва қоблияти зеҳниаш ҷомеаро маърифат меомузад. Занони бомаърифат оиларо нигаҳдор ва ҷомеаро пойдор месозанд. Салоҳият ва моҳияти маърифатии занро ҳамчун яке аз падидаҳои асосии рушди ҷомеа ва манбаи зоҳирию ботинии у инъикос меномоянд. Инчунин, заруратy муҳимияти ташаккули маърифати ҳуқуқӣ баҳри таъмини пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеа ва қадамҳои устувор дар ин самт аз ҷониби занон тавсиф дода шудаст.

Хушбахтона, тавассути сиёсати бунёдкорона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Роҳмон барои ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастани занон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Зеро ҳамагон хуб медонанд, ки тибқи ин сиёсат занро ҳамчун қувваи пешбаранда ва як ҷузъи муҳими ҷомеа эътироф намуда, иштироки ӯро дар тамоми ҷанбаҳо, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маърифат ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқу сохторҳои қудратӣ эътироф менамоянд ва барои ҷалби онҳо тамоми заминаҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ меҳайё карда шудааст.

Дар ин робита қайд намудан зарур аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ, марҳилаи нави давлатдорӣ муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоию сиёсӣ бознигарӣ шуда, вобаста ба тақозои замон низоми нави муносибатҳо роҳандозӣ карда шуд. Дар ин раванд баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии зан дар ҷомеа ҳамчун омили муҳими пешрафти самти афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардид.

Мусаллам аст, ки саҳми зан-модар дар беҳдошти ҳаёти, тарбия, солимии ҷомеа, ҳифзи хуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон пойдевори асосии сулҳу субот ва рушди Тоҷикистон хеле барҷаста мебошад. Салоҳият ва моҳияти маърифатии зани тоҷик дар пешрафти ҷомеа, бахусус, солимии зеҳнӣ ва маънавӣ хеле арзанда шинохта шудааст, чунки дар баробари рисолати модарию ҳамсарӣ, рисолати роҳбарӣ, тарбияи камолоти маънавию ахлоқии ҷомеа, инчунин ба уҳдаи у гузошта шудааст. Албатта, дар бораи мақсади Ҳукумати Тоҷикистон баҳри беҳтаргардонии шароити занон ва таълиму тарбияи маърифатпарваронаи онҳо, баланд бардоштани ҳуқуқи зан дар ҷомеаи демократӣ, омода сохтани барномаҳои муштараки ҳифзи сиҳатии модару кӯдак, танзими оила, инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаи маориф, солимгардонӣ, ба таҳсил фаро гирифтани шумораи ҳарчӣ бештари ҷавондухтарон, инкишоф додани сатҳу сифати донишомузии бонувон, бартараф намудани бекорӣ дар байни занон, ташкил намудани захираи кадрӣ аз ҳисоби ҷавондухтарон, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва байналмилалии муқими Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти бонувон ба ҳамагон маълум аст ва дар самти татбиқи он корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд.

Ҳамзамон бояд иброз намуд, ки тағйироти мусбат дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ танҳо вақте имконпазир мегардад, агар ҳамаи одамон, сарфи назар аз ҷинс, дин, миллат ва дигар аломатҳои беруна, дараҷаи дониш ва тамоми хислатҳои беҳтарини маърифатӣ, ботинии худро ташаккул диҳанд, ба маънои томаш инсони комил мегарданд ва ҳуқуқи зан дар амалӣ намудани он хеле муҳим пазируфта мешавад.

Салоҳияти зан дар таваллуд ва ташаккули маърифатӣ, маънавии ҷомеа баённопазир арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, аллакай аз ҷиҳати илмӣ исбот шудааст, ки зан дар рӯи замин назар ба мард хеле пештар пайдо шудааст.

Гузашта аз ин, зан дар баробари таълиму тарбия, ташаккули моҳияти маърифатӣ ҷомеаро дар тӯли тамоми ҳаёти хеш таъмин месозад. Масалан, дар оила ва ҷомеа модарон дар ташаккули камолоти маънавии шахсият таҳкурсии устувор мегузоранд. Аз ин ҷиҳат зан-модар муҳиммияти масъаларо дарк карда, дар таълиму тарбия, ташаккули маърифатии кӯдакон ва аҳли ҷомеа саҳми арзанда дорад, зеро ӯ дар ташаккули шахсияти комили руҳан ва ҷисман солим (ахлоқан пок ва руҳан озод) заминаи устувор мегузорад.

Салоҳияти ҳуқуқӣ ва маърифати некхоҳии муҳаббати зан на танҳо то синни камолот расидани фарзандон, балки то лаҳзаи вопасини ҳаёти у

идома меёбад. Одатан, самимият, нури хирад, некиву муҳаббати занмодарро ҳар як фарзанд эҳсос мекунад ва дар тамоми ҳаёт ин лаҳзаҳо дар пеши назар борҳо ҷилвагар мегарданд.

Қобили зикр аст, ки маърифати ҳуқуқии зан ба фарзандонаш таъсир мерасонанд, масалан, агар модар китобхон, бомаърифат, донишманд ва бо салоҳият бошад, фарзандони ӯ низ майл ба донишу маърифат, рафтору одоб, хислатҳои неки модарашонро дар худ рушд медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд. Масалан, модари Садриддин Айнӣ-Қаҳрамони Тоҷикистон зани босаводу бомаърифат буд. Садриддини Айнӣ нахустин қадамҳояшро ба олами илму адаб таҳти сарпарастии модараш гузошт, хату савод баровард, камолоти маънавию маърифатии худро ташаккул дод.

Аллома Бобочон Ғафуров-писари шоираи маъруфу машҳур ва ватандӯсти тоҷик Розия Озод ба олами илм бо ҳидояти модари донишмандаш омадааст. Ба халқу Ватан содиқона хизмат намуда, ба дараҷаи роҳбари аввали мамлакат сабзида расид ва дар илми шарқшиносии ҷаҳон олими шинохтаву эътирофшуда расид.

Дар робита бо ин, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии Паёми имсолаашон саҳми занро дар масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва солимии ҷомеа қайд намуданд ва ба он баҳои арзишманд гузоштанд.

Албатта, дар шароити кунунӣ ҷомеае фаъол шуморида мешавад, ки агар дар он занони соҳибмаърифат мавқеи пешшоҳангӣ дошта бошанд. Тарбияи занони бомаърифатро дар оила, муассиса ва ҷомеа мақсаднок ташкил намудан зарур аст. Пеш аз ҳама, дар шароити рушди технологияи иттилоотию иртиботӣ, афзудани босуръат рушёбанда ва дастрасии ҷомеа ба истифодаи он зарурати салоҳияти маърифати ҳуқуқии духтарон дар муассиса ва оила ба маротиб меафзояд. Муассисаҳои таълимӣ ба тарбияи камолоти маърифати духтарону занонро дар маддии аввал гузоранд ва дар ин самт корҳои зиёдро ба анҷом расонида, дар ҳалли мушкилот ва пешрафти ҷомеа салоҳияти муносиби худро дошта бошанд.